## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; хуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2026. – 43 саҳ.).**

Диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳамзамон мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – институти субъекти ҷиноят бахшида шудааст. Мубрамии мавзуи интихобшуда пеш аз ҳама бо зарурати такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани он ба талаботи замони муосир, инчунин рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайдоиши падидаҳои нави иҷтимоӣ, аз ҷумла технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, асоснок мегардад.

Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои сохтори мантиқӣ буда, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ин сохтор ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда пурра мутобиқат мекунад.

Дар боби якуми диссертатсия муаллиф масъалаҳои умумии субъекти ҷиноятро мавриди таҳқиқ қарор дода, таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноятро дар давраҳои гуногуни таърихӣ мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Муаллиф бо истифода аз усули таърихию ҳуқуқӣ марҳилаҳои асосии ташаккули қонунгузории ҷиноятиро муайян намуда, нишон медиҳад, ки рушди ин институт таҷрибаи мусбат ва манфии қонунэҷодкунии давраҳои гуногунро дар бар мегирад.

Ҳамчунин, дар ин боб мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, аломатҳои ҳатмӣ ва иловагии он, аз ҷумла «шахси воқеӣ будан», «мукаллафӣ» ва «синни ҷавобгарии ҷиноятӣ» мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ба таври асоснок нишон медиҳад, ки мавҷуд набудани яке аз ин аломатҳо боиси набудани таркиби ҷиноят мегардад.

Ҷолиби диққат аст, ки диссертант масъалаи баҳсноки эътироф намудани шахси ҳуқуқӣ ва ҳатто зеҳни сунъиро ҳамчун субъекти ҷиноят мавриди таҳлил қарор дода, бо далелҳои илмӣ мавқеи худро асоснок намудааст. Ин ҷанба навгонии муайяни илмии таҳқиқотро нишон медиҳад.

Дар боби дуюми диссертатсия масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва амалии вобаста ба мафҳумҳои «мукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «номукаллафӣ» мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф мафҳуми мукаллафиро бо дарназардошти маҳакҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ таҳлил намуда, пешниҳод менамояд, ки он дар қонунгузории ҷиноятӣ ба таври возеҳ муқаррар карда шавад. Аз ҷумла, пешниҳоди муаллиф оид ба ворид намудани таърифи мушаххаси «мукаллафӣ» ба қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Инчунин, таҳқиқи масъалаи мукаллафии маҳдуд ва мушкилоти татбиқи он дар амалия яке аз дастовардҳои муҳими диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал кӯшиш намудааст, ки институти субъекти ҷиноятро дар заминаи таҳлили комплексии назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалия мавриди баррасӣ карор диҳад. Дар рафти таҳқиқот як қатор пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ таҳия гардидаанд, ки метавонанд барои такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф бо далелҳои муътамад ва асосҳои илмии боэътимод асоснок гардида, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим мебошанд. Зикргардидаҳо имконият медиҳанд, ки онҳо дар раванди такмили фаъолияти қонунэҷодкунӣ, таҳкими амалияи судӣ, инчунин дар такмили мазмун ва сифати раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самаранок истифода бурда шаванд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ҳангоми таҳлили масъалаи субъекти махсуси ҷиноят, мебоист таснифи мукаммалтар ва равшантар пешниҳод

мегардид, зеро дар автореферат ин масъала то андозае умумӣ баррасӣ шудааст.

Бо вуҷуди ин, эроди зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос намуда, масъалаҳои матраҳшуда аз лиҳози илмӣ асоснок, мантиқӣ ва пайдарпай таҳлил гардидаанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, диссертатсияи мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустамзода Ҷ.Ю.

Суроға: 734000 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Фирдавсӣ, кӯчаи Шестопавлова 13/, хонаи 7.
Телефон: (+992) 939271010. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru

Имзои Рустамзода Ҷ.Ю.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.М.
«30» 04 2026 с.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: (+992) 2241718. E-mail: info@apa.tj